# ВОСИТАҲОИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ WORLD WIDE WEB

***WWW.*** Абревиатураи WWW аз ҳарфҳои аввали калимаҳои англисии World Wide Web гирифта шуда, онро ба забони тоҷикӣ **торнигори анкабути ҷаҳонӣ** тарҷума кардан мумкин аст. WWW муҳити абарматниест, ки он миқдори бениҳоят зиёди санадҳои гуногунро дар бар гирифтааст. Ба ин санадҳо пойгоҳи додаҳои иттилоотию маълумотӣ, санадҳои ҳукуматӣ, феҳристи китобхонаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо ва ғайра мисол шуда метавонанд. Дар ин муҳит мо метавонем санадҳоро дар реҷаи вақти ҷорӣ (on line - онлайн) дида, тавассути пайвандҳо ва пахши одии тугмаи муш аз як санад ба санади дигар гузарем. Арзиши асосии WWW дар он аст, ки санадҳо метавонанд на танҳо дар ҳудуди як пойгоҳ ё як компютер ба дигар санадҳо истинод оваранд, балки истинодоварӣ метавонад ба санадҳои компютерҳои дар ҷойҳои хеле дур маҳфузбуда амалӣ гардонида шавад. Дар натиҷа мо соҳиби муҳити ягонаи абарматние мегардем, ки дар он барои ҷустуҷӯи иттилооти лозимӣ, ба самти зарурии дилхоҳ гузаштан имконпазир мегардад.